УДК - 5
ББК - 20
С. - 28

## САМТҲОИ АСОСӢ ВА ДУРНАМОИ ТАБИАТИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОК

***Сангинов Мирзосодиқ Маҳмадшафиевич*** - *омӯзгори кафедраи географияи табиии факултети геоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;*
***Ашӯрова Нилуфар Ҷафархоновна*** - *омӯзгори кафедраи географияи иқтисодӣ ва демографияи факултети геоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЭФФЕКТИВНОГО ПРИРОДОПОЛЬЗОВАНИЯ

***Сангинов Мирзосодик Махмадшафиевич*** - *преподаватель кафедры физической географии факультета геоэкологии и туризма Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова;*
***Ашурова Нилуфар Джафархоновна*** - *преподаватель кафедры экономической географии и демографии факультета геоэкологии и туризма Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова.*

## MAIN DIRECTIONS AND PROSPECTS OF EFFECTIVE USE O NATURE

***Sanginov Mirzosodik Mahmadshafievich*** - *Teacher of the Department of Physical Geography Faculty of Geoecology and Tourism, of Khujand State University named after academician B. Gafurov.*
***Ashurova Nilufar Dzafarkhonovna*** - *Teacher of the Department of the Economic Geography and Demography Faculty of Geoecology and Tourism, of Khujand State University named after academician B. Gafurov*

***Вожаҳои калидӣ:*** *назарияи табиатистифодабарии самаранок, омилҳои табиӣ, экологии рушд ва ҷойгиронии истеҳсолот, оқибатҳои манфии таъсири антропогенӣ ба табиат, потенсиали табиӣ – аграрӣ, дурнамои самтҳои рушди минтақавӣ, маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва соҳаҳои асосии маҳсулотбарорӣ*

*Мақола ба масъалаи табиатистифодабарии самаранок, ки роҳҳои рушди иҷтимоӣ - иқтисодии ҷамъиятро муайян менамояд, бахшида шудааст. Муаллифон зикр менамоянд, ки рушди босуботи қувваҳои истеҳсолӣ ва некӯаҳволии мардуми ҳар кадом кишвар ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳолати муҳити зист вобастагӣ дорад. Махсусан барои кишварҳои кӯҳсор, ки шароитҳои мухталифи табиӣ ва ташкили хоси ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунандаро доранд, ба инобат нагирифтани омилҳои табиӣ ва экологии рушд ва ҷойгиронии истеҳсолот ба касодии сиёсати иқтисодӣ, зарари воқеии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва вобаста ба арзиш оварда мерасонад.*

*Ба андешаи муаллифон, ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити атроф дар Тоҷикистон бо маҷмӯи таҳқиқотҳои экологӣ – географӣ, ки илмҳои табиӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегиранд, вобастагии калон дорад ва яке аз самтҳои муҳими соҳаи табиатистифодабарӣ ин мониторинги геоэкологист, ки рушди таҳқиқотҳои амалӣ ва татбиқи онро дар истеҳсолот пешбинӣ менамояд.*

***Ключевые слова:*** *теория эффективного использования природных ресурсов, природные и экологические факторы развития и размещения производства, негативные последствия антропогенного воздействия на природу, природный и аграрный потенциал, перспективы регионального развития, ассортимент региональной продукции и ключевые направления производства*

*Статья посвящена вопросу рационального природопользования, которое играет определяющую роль в социально - экономическом развитии общества. Авторы отмечают, что устойчивое развитие производительных сил и благополучие населения любой страны зависит от эффективного использования природных ресурсов и состояния окружающей среды. Для горных стран, которые имеют разные природные условия и особую территориальную организацию производительных сил, не учет природных и экологических факторов развития и размещения производства приводит к провалу экономической политики, реальному ущербу для социальных показателей и стоимости. По мнению авторов, решение экологических проблем в Таджикистане тесно связано с комплексом эколого-географических исследований, которые включают в себя естественные и социальные науки, и одним из важных направлений в области природопользования является геоэкологический мониторинг.*

***Key words:*** *the theory of efficient use of resources, qualitative and natural and ecological factors of development and location of production, negative consequences of anthropogenic impact on nature, natural and agricultural potential, prospects for regional development, range of regional products and key areas of production.*

*The article is devoted to the issue of rational nature management, which plays a decisive role in the socio - economic development of society. The authors note that the sustainable development of the productive forces and the well-being of the population of any country depends on the efficient use of natural resources and the state of the environment. Especially for mountainous countries, which have different natural conditions and a special territorial organization of productive forces, failure to take into account the natural and environmental factors of development and production location leads to the failure of economic policy, real damage to social indicators and cost. According to the authors, the solution of environmental problems in Tajikistan is closely related to the complex of ecological and geographical studies, which include natural and social sciences, and one of the important directions in the field of environmental management is geoecological monitoring.*

Давоми ҳазорсолаҳои тӯлонӣ инсоният раванди табииро дар биосфера вайрон накарда, захираҳои гуногуни табииро бо мақсади таъмини талаботҳои худ истифода мекард. Дар ибтидои садсолаи гузашта муайян шуд, ки маҳдудияти захираҳои табиӣ боиси ба вуқуъ пайвастани таҳлили комплексии таъсири байниҳамдигарии системаи хоҷагидорӣ ва табиат дар раванди истифодаи ин ё он захираҳо, яъне табиатистифодабарӣ гардид.

Ба андешаи яке аз асосгузорони консепсияи истифодаи самараноки табиат **Реймерс Н.Ф.** объекти табиатистифодабарӣ ҳамчун илм маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии байни захираҳои табиӣ, шароитҳои табиии ҳаёти ҷамъият ва рушди иҷтимоӣ – иқтисодии он мебошад (5, с.405). Аз ин рӯ, хулоса кардан мумкин аст, ки рушди муваффақонаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва некӯаҳволии ҳар як давлату миллат бо истифодаи сарватҳои табиӣ ва вазъи муҳити зист алоқамандии ногусастанӣ дорад. Дар қатори дигар олимони соҳаи табиатистифодабарии самаранок профессор **В.А. Анучин** назарияи табиатистифодабарии самаранокро ҳамчун самти фундаменталии илм, ки роҳҳои рушди иҷтимоии ҷамъиятро муайян менамояд, арзёбӣ кардааст. Дар монографияи худ "Асосҳои табиатистифодабарӣ" навиштааст: "Табиатистифодабарии самаранок, ки таҷдид ва ҳифзи табиатро доро аст, ҳамчун шарти зарурии баҳисобгирии сифатӣ ва миқдории муҳити атроф ва захираҳои табиӣ бо пешгӯии имкониятҳои истифодаи ҷамъиятӣ махсуб меёбад" (1, с.219). Дар таҳқиқотҳои худ **Д.Л.Арманд** аввалин маротиба муносибати илмиро ба истифодабарии боигариҳои табиат ҳамчун арзишҳои муҳим ва абадии ҷамъияти инсонӣ баён кардааст. Қарзи маънавии ҳар як насл, - навишта буд ӯ, ба насли оянда боигариҳои табииро дар ҳолати хуб ва миқдори зиёд вогузоштан аст (2, с.78 ).

Вобаста ба ин таъкид менамоем, ки рушди босуботи қувваҳои истеҳсолӣ ва некӯаҳволии мардуми ҳар кадом кишвар ва халқ бо истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳолати муҳити зист вобастагӣ дорад. Махсусан барои кишвари мо, ки асосан кӯҳсор асту шароитҳои мухталифи табиӣ ва ташкили хоси ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунандаро дорост, тааллуқ дорад. Аз ҳамин лиҳоз, ба инобат нагирифтани омилҳои табиӣ ва экологии рушд ва ҷойгиронии истеҳсолот ба касодии сиёсати иқтисодӣ, зарари воқеии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва вобаста ба арзиш оварда мерасонад.

Муаммоҳои геоэкологии Тоҷикистон хеле мушкил ва гуногунҷабҳа буда, омӯзиш ва таҳлили онҳо моро нигарон мекунад. Таркиби намудии олами набототу ҳайвонот коҳиш ёфта, ҷангалу майдонҳои кишт кам, ҳосилхезии заминҳо паст, шӯрии хок, ифлосии обҳавзҳо ва ҳавои атмосферӣ афзуда истодааст.

Бартарафсозии оқибатҳои манфии таъсири антропогенӣ ба табиат – самти асосӣ ва муҳими фаъолият вобаста ба ҳифзи табиат барои имрӯз ва фардо маҳсуб меёбад. Дар алоқа бо ин дар шароити Тоҷикистон олимони тоҷик, аз ҷумла **Х.М.Муҳаббатов** кӯшиш намудааст, ки самтҳои муҳими фаъолияти вобаста ба ҳифзи табиатро ҷиҳати пешгирӣ, коҳиш ва бартарафсозии оқибатҳои манфии

даҳолатро ба равандҳои табиӣ асоснок намояд. Ба андешаи ӯ ҳинни андешидани чораҳои дахлдор бояд инҳо ба инобат гирифта шаванд:

- таъмини шароит ҷиҳати тоза ва барқарор намудани экосистемаҳои табиӣ аз ифлосшавӣ; ба танзим даровардани сарбории антропогенӣ ба ландшафт дар ҳудудҳои имконпазири экологӣ;
- баҳисобгирии имкониятҳои воқеии иқтисодии амалишавии чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист, пеш аз ҳама маҳдудкунии саҳмгузории молиявӣ ва захираҳои моддӣ; бартарии истифодаи воситаҳои арзишашон паст;
- баҳисобгирии афзалияти проблемаҳои экологӣ (аз рӯи меъёрҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ);
- инъикоси омили вақт (3,65).

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ имкониятҳоро баҳри ҳифзи муҳити зист ҷустуҷӯ бояд кард. Таҳлилҳои пешакӣ нишон медиҳанд, ки хароҷоти зиёди ба ҳифзи табиат сарфшуда, бешубҳа ба болоравии нархи маҳсулоти истеҳсолшаванда оварда мерасонад, ки имкониятҳои амалишавии барномаҳои иҷтимоии кишварро халалдор менамояд. Аз ҷиҳати дигар, ҳалли масъаларо танҳо тавассути техникаву технологияи экологӣ ба амал баровардан ғайривоқеист. Боназардошти хусусиятҳои табиӣ – географии дурнамои ҳифзи муҳити зисти минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон чунин бояд бошад:

- мунтазам то сатҳи бехатарии экологӣ паст намудани таъсирот ба муҳити табиӣ;
- барқарорсозии ҷузъ ё қисмҳои вайроншудаи табиат то дараҷаи оптималӣ;
- таъмини заминаҳои беҳтарини табиатистифодабарии самаранок дар тамоми минтақаҳои амудӣ.

Гуногунии ландшафтҳои табиии Тоҷикистон, хусусиятҳои релеф, гуногунии шакл намуд ва суръати фаъолияти ҳифзи табиатро тақозо менамояд. Дар қисми зиёди минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон, ки таъсири антропогениро аз сар нагузаронидааст, бештар чорабиниҳои пешгирӣ ба роҳ монда мешаванд. Баръакс дар ҳудудҳои хоҷагидорӣ афзалият дошта бошад, бештар гузаронидани чорабиниҳои барқарорсозии шароитҳои табиии вайроншуда зарур аст. Масалан, фаъолияти ҳифзи табиат дар комбинати кӯҳӣ – металлургии Анзоб на танҳо муҳити табиии маҳалро, балки оқибатҳои таъсирро дар тамоми водии Зарафшон ба инобат гирад.

Ба андешаи мо, ҳалли масъалаҳои ҳифзи муҳити атроф дар Тоҷикистон бо маҷмӯи таҳқиқотҳои экологӣ – географӣ, ки илмҳои табиӣ ва ҷамъиятиро дар бар мегиранд, вобастагии калон дорад. Яке аз самтҳои муҳими соҳаи табиатистифодабарӣ ин мониторинги геоэкологист, ки рушди таҳқиқотҳои амалӣ ва татбиқи онро дар истеҳсолот пешбинӣ менамояд.

Татбиқи мақсадҳои наздиктарини таҳқиқот истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ ва ба роҳ мондани хоҷагидории асоснокро аз рӯи зонаҳои табиӣ ва минтақаҳои амудӣ талаб менамояд. Зеро муҳити атроф – манбаи захираҳо барои таъмини ҳаёт ва рушди он маҳсуб меёбад. Нигоҳдорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дурнамои тӯлонии рушди кишварҳои камбағал ва бойро таъмин менамояд, вале табиатистифодабарии ғайриоқилона бошад, ба офатҳои геоэкологӣ оварда мерасонад.

Ҳамзамон, мавриди зикр аст, ки аз потенсиали табиӣ – аграрии кишвар, ин ё он минтақа истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ вобастагии муайян дорад. Потенсиали табиӣ – аграрӣ ҳамчун заминаи рушди аграрӣ дар тафриқабандии системаи заминистифодабарӣ ва самаранокии соҳаҳои хоҷагии кишоварзӣ хизмат менамояд, дар шароите, ки нисфи аҳолии дунё ҳамчун аҳолии деҳот боқӣ мемонад, индикатори сохтор ва дараҷаи талаботи аҳолии маҳаллӣ ба озуқаворӣ маҳсуб меёбад. Потенсиали табиӣ – аграрӣ ҳамчун мавҷудоти динамикӣ дар фазо ва вақт таҳаввул ёфта, ҷузъҳои он доимо диққати таҳқиқотчиёнро ба худ ҷалб менамояд.

Аз гуфтаҳои дар боло зикршуда аён мегардад, ки асоси рушди иқтисодӣ ва афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро потенсиали табиӣ – захиравии минтақа ё ҳудуди муайян ташкил медиҳад. Муҳим на танҳо он аст, ки ин захираҳо бартарӣ доранд, балки дараҷаи истифодабарии амалӣ дар шароити иқтисодии омехтаи кишвар маҳсуб меёбад. Муайян кардани дурнамои самтҳои рушди минтақавӣ (вилояти Суғд) ба истифодаи усулҳои пешгӯӣ ҳамчун як раванди мураккаби асосноккунии илмии рӯйдодҳо ва вазъи иқтисод вобаста ба як қатор ҳолатҳо асос ёфтааст: аввалан, таҳқиқотҳои гузаронидашаванда ҷиҳати муайян намудани таъсири омилҳои гуногун ба рушди иқтисодӣ вобаста ба вазъи кунунӣ ва тағйироти имконпазири оянда; сониян, пешгӯӣ бояд ба масъалаҳои пайдошаванда дар ҳалли мушкилоти таъмини устувории низоми иқтисодӣ ва муайян кардани афзалиятҳои рушдиояндаи минтақа ҷавоб диҳад. Динамикаи афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ва соҳаҳои асосии маҳсулотбарорӣ, ки саноат ва хоҷагии кишоварзиро дар бар гирифта, даромади пулии аҳолӣ аз он сарчашма мегирад, мунтазам сол аз сол тамоюли афзоиш дошта тариқи зайл сурат мегирад:

1. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ (МММ)-(у) $Y=3653{,}1+454{,}5\,t$;

2. Даромади пулии аҳолӣ (у) Y=3937,6 +372,5 t

Дар натиҷаи истифодаи усулҳои пешниҳодшуда ва баҳодиҳии ташхисӣ нишондиҳандаҳои зерин ба даст омаданд, ки дар ҷадвали зерин (1) оварда мешавад.

Ҷадвали 1.

Пешгӯии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии вилояти Суғд (ба давраи то соли 2025)

| Солҳо | Ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ММД | Маҳсулоти саноатӣ | Маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ | Даромади пулӣ |
| 2018 | 6380 | 5224 | 4363 | 6172 |
| 2019 | 6834 | 5556 | 4515 | 6545 |
| 2020 | 7289 | 5888 | 4667 | 6917 |
| 2021 | 7743 | 6220 | 4819 | 7290 |
| 2022 | 8198 | 6552 | 4971 | 7662 |
| 2023 | 8652 | 6884 | 5123 | 8035 |
| 2024 | 9107 | 7216 | 5275 | 8407 |
| 2025 | 9561 | 7548 | 5427 | 8780 |

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд (4, С. 114-115).




Пешгӯӣ аз рӯи чор макронишондиҳандаҳо, ки дараҷаи рушди иқтисодии минтақаро тавсиф менамояд ва ба ҳар сари аҳолӣ ҳисобӣ шудааст. Мутобиқи маълумотҳои ба дастомада, маҷмӯи маҳсулоти минақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2025 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 49,9% афзуда, соле ба 7% рост меояд.

Вобаста ба амалишавии ҳадафи чоруми мамлакат оид ба саноатикунонии кишвар минбаъд ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 44,2% ва маҳсулоти хоҷагии кишоварзӣ ба андозаи 24,4% зиёд хоҳад шуд. Суръати баланди маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолии минтақа таъмин хоҳанд кард. Барои амалишавии пешгӯиҳои мо бояд ҷиҳати рушди истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ ва хоҷагии кишоварзии ҳудуди минтақа, ҳамчунин соҳаҳои инфрасохторие, ки бевосита дар шаклгирии ММД – и кишвар саҳмгузоранд, шароити мусоид фароҳам овард.

## АДАБИЁТ

1. Анучин В.А. Основы природопользования. Изд.”Мысль”, М., 1978. 219с.
2. Арманд Д.Л. Нам и внукам. М., “Мысль”, 1964. 78с.
3. Мухаббатов Х.М. Проблемы природопользования в горных регионах Таджикистана, Душанбе: “Дониш”, 2015 - 565с.

4. Омори солонаи вилояти Суғд. Идораи асосии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – Хуҷанд: Идораи асосии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2018. – С. 114-115.
5. Реймерс Н.Ф. Природопользование М., Мысль, 1990. 405 с.

REFERENCES

1. Anuchin V.A. Fundamentals of nature management. Publishing House "Thought", M., 1978. 219 p.
2. Armand D.L. To us and grandchildren. M., “Thought”, 1964. 78 p.
3. Muhabbatov Kh.M. Problems of nature management in the mountainous regions of Tajikistan, Dushanbe: "Donish", 2015, - 356 p.
4. Annual statistics of the Sughd region. The head office of the Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan in the Sughd region. - Khujand: Main Department of the Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan for the Sughd Region, 2018. - pp. 114-115.
5. Reimers N.F. Nature management M., “Mysl”, 1990. 405 p.